**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 014**
**назди Донишгоҳи давлатии молия**
**ва иқтисоди Тоҷикистон**
**(ш. Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимова, 64/14)**

# ТАҚРИЗИ

**Муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Султонов Зубайдулло ба кори диссертатсионии Чиллаев Сулаймон Нажмудинович дар мавзӯи “Муаммоҳои рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод гардидааст

Таҳқиқоти диссертатсионии Чиллаев Сулаймон Нажмудинович дар мавзӯи “Муаммоҳои рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ” пешниҳод гардидааст ба бандҳои: 1.3. Назария ва методологияи таъсири системаи молиявӣ дар натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ; 1.4. Консепсия ва назарияи молия ва истифодаи он дар фаъолияти ниҳодҳои молиявӣ; 6.1. Асосҳои назариявии ташкил ва амалкарди бозори коғазҳои қиматнок ва бахшҳои он; 7.1. Тамоюлоти ҳозиразамони ташкил ва амалкарди низоми суғурта ва бозори хадамоти суғуртавӣ; 7.7. Таъмини устувории молиявии ташкилоти суғуртавӣ; 10.1. Ташаккули системаи бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити ихтисоди бозорӣ ба шиносномаи фехристии ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

## Робитаи таҳқиқот ба барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯъҳои илмӣ

Таҳқиқоти анҷомгардида ба меъёрҳо ва талаботи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 1-уми декабри соли 2016, Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2040 аз 30-юми декабри соли 2019, №642, Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 31 январи соли 2020, Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 аз 1-уми июли соли 2022, №314 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 аз 26-уми октябри соли 2021, №460 ҷавобгӯ мебошад.

## Мубрамии мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Дар шароити гузаштани иқтисоди ҷаҳонӣ аз модели анъанавии рушди иқтисодӣ ба модели рақамӣ зарурияти мутобиқ намудани бозори молиявии

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи нав, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти институтҳои молиявӣ, такмили инфрасохтори молиявӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ба яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати иқтисодии давлат табдил ёфтааст. Маҳз ҳамин равандҳо боиси афзоиши таваҷҷуҳи муҳаққиқон, иқтисоддонҳо ва мутахассисони соҳаи молия нисбат ба масъалаҳои рушди бозори молиявӣ гардида, зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи омилҳо, мушкилот ва дурнамои рушди онро дар шароити иқтисоди рақамӣ тақвият мебахшанд.

Имрӯз бозори молиявӣ ҳамчун яке аз унсурҳои калидии низоми иқтисодӣ вазифаи таъмин намудани ҳаракати самараноки захираҳои молиявӣ байни субъектҳои гуногуни иқтисодиро иҷро менамояд.

Самаранокии фаъолияти бозори молиявӣ бевосита ба суръати рушди иқтисодӣ, ҷалби сармоягузорӣ, сатҳи рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва устувории низоми молиявии давлат таъсир мерасонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди бозори молиявӣ дар давраи истиқлолият марҳилаҳои гуногунро паси сар намуда, тадриҷан заминаҳои институтсионалӣ ва ҳуқуқии фаъолияти худро ташаккул додааст.

Бо вуҷуди ин, ҳанӯз ҳам як қатор масъалаҳо ва маҳдудиятҳо мавҷуданд, ки ба рушди пурраи бозори молиявӣ монеа эҷод менамоянд.

Аз ҷумла, сатҳи нисбатан пасти рушди бозори коғазҳои қиматнок, маҳдуд будани воситаҳои молиявӣ, иштироки нокифояи аҳолӣ ва соҳибкорон дар амалиёти бозори молиявӣ, сатҳи пасти саводнокии молиявӣ, инчунин нокифоя будани сатҳи рақамикунонии баъзе институтҳои молиявӣ аз ҷумлаи чунин мушкилот ба ҳисоб мераванд.

Дар баробари ин, рушди технологияхои рақамӣ имкониятҳои навро барои ҳалли қисми зиёди мушкилоти мавҷуда фароҳам меорад.

Паҳншавии хизматрасониҳои рақамии бонкӣ, рушди низомҳои пардохти электронӣ, истифодаи технологияҳои абрӣ, зеҳни сунъӣ, таҳлили маълумоти бузург ва дигар технологияҳои муосир метавонанд ба баланд гардидани самаранокии фаъолияти бозори молиявӣ мусоидат намоянд.

Бо шарофати чунин технологияҳо дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ беҳтар гардида, хароҷоти амалиётӣ коҳиш ёфта, сатҳи шаффофият ва эътимоднокии амалиёти молиявӣ афзоиш меёбад.

Аз ин нуқтаи назар, иқтисоди рақамӣ на танҳо ҳамчун муҳити нави фаъолияти бозори молиявӣ, балки ҳамчун омили муҳими тағйирдиҳандаи сохтор ва механизмҳои фаъолияти он баромад менамояд.

Бинобар ин, таҳқиқи масъалаҳои рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ аҳамияти муҳими назариявӣ дошта, барои таҳияи чораҳои амалии такмили сиёсати молиявӣ ва иқтисодии давлат низ зарур мебошад. Тавре, ки унвонҷӯй дар кори худ қайд кардааст:

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир як қатор тадбирҳоро дар самти рушди иқтисоди рақамӣ ва рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ амалӣ намудааст.

Қабули барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ дар самти рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, густариши истифодаи хизматрасониҳои электронӣ ва такмили инфрасохтори рақамӣ нишон медиҳанд, ки масъалаи гузариш ба иқтисоди рақамӣ ба яке аз афзалиятҳои муҳими сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст.

Дар чунин шароит рушди бозори молиявӣ бояд бо равандҳои умумии рақамикунонии иқтисоди миллӣ ҳамоҳанг бошад. Ин ҳамоҳангӣ метавонад ба баланд гардидани сатҳи фарогирии молиявӣ, васеъ шудани дастрасии субъектҳои хоҷагидорӣ ба захираҳои молиявӣ, рушди соҳибкории хурду миёна ва афзоиши фаъолияти сармоягузорӣ мусоидат намояд.

Ҳамзамон, барои ноил шудан ба чунин натиҷаҳо зарур аст, ки масъалаҳои марбут ба такмили инфрасохтори рақамии муассисаҳои молиявӣ, омодасозии кадрҳои баландихтисос, баланд бардоштани сатҳи саводнокии рақамӣ ва молиявии аҳолӣ, инчунин рушди муҳити ҳуқуқӣ ва институтсионалии бозори молиявӣ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор дода шаванд.

Бисёр муҳим аст, ки унвонҷӯй ба таҳқиқи ин масъалаҳо таваҷҷуҳ намуда, як кори мукаммалро барои ҳимоя пешкаш кардааст, ки қобили дастгирист.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда**

Таҷрибаҳои гузаронидашуда, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқоту интишорот ва баромадҳои муаллиф дар доираи мавзӯи таҳқиқотӣ, хулоса ва тавсияҳо, ки дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ манзур карда шудаанд, дараҷаи эътимоднокии кори диссертатсиониро нишон медиҳанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот**

Навгонии илмии кори диссертатсионӣ дар асоснокнамоии назариявии ҳамгироии қисматҳои бозори молиявии кишвар ва дар ин ҷода густариши равобит бо бахши воқеӣ барои таъмиини рушди мунтазами иқтисоди миллӣ арзёбӣ мегардад. Натиҷаҳои муҳимтарине, ки муқаррароти аслӣ ва навгонии кори таҳқиқотиро асоснок менамоянд, чунинанд:

1. Дар раванди амалигардонии таҳқиқот ва дар заминаи омӯзиши маъхазҳои илмӣ, махсусан дар натиҷаи омӯзишу баррасии назароти мутафаккирон ва олимону муҳаққиқони хориҷию ватанӣ, ки дар шаклгирии назарияҳои умумии мансуб ба равнақи бозори молиявӣ саҳм гузоштаанд, назароти муаллиф дар мавриди бозори молиявӣ мавриди пешниҳод қарор дода шудааст. Барои дарки воқеият марҳила ва заминаҳои ташаккулёбии бозори молиявӣ дар кишвар бо назардошти мушкилиҳои гузариш аз як низом ба низоми дигари равобити иқтисодӣ пайгирӣ карда шуда, бо мақсади беҳдошти бозори молиявии ватанӣ, таҷрибаи кишварҳои пешсаф мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода шудааст.

2. Бо назардошти бартарии доштани бахши бонкии кишвар дар бозори молиявӣ, ҳолати воқеии ҳамгироии бахши бонкӣ бо бахши воқеии кишвар мавриди таҳлил қарор дода шуда, мушкилиҳо ва муаммоҳои мавҷуда ифшо карда шудаанд, дар ҷараёни таҳқиқ бо дарназардошти аҳамияти муҳими ҷалби сармоя ба иқтисодиёт, бахусус ба соҳаҳои афзалиятдоштаи он, роҳу усулҳои беҳтар намудани маблағгузории бахши воқеии кишвар пешниҳод гардидаанд. Агарчи Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита тавлидкунандаи мустақими таҷҳизот ва технологияҳои муосир набошад ҳам, бо ин ҳол фурсатҳое вуҷуд дорад, ки бо дар назар гирифтани он метавон рушди бозори молиявиро дар шароити кунунӣ таъмин намуд. Ҷиҳати равнаку густариши ин раванд назароти муаллиф пешкаш карда шудаанд. Натиҷаи таҳқиқот ва дигаргуниҳо дар иқтисоди ҷаҳон пайваста гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки самти рақамикунонӣ ва таъсиси пойгоҳи устувор барои тавсеаи зеҳни сунъӣ метавонад дар тавсеаи бозори молиявии миллӣ мусоидат намояд.

3. Дар ҳоли ҳозир бозори коғазҳои қиматнок, қисмати калидии бозори молиявӣ ба ҳисоб меравад. Ин бозор, метавонад дар ҷалб ва мубаддалнамоии захираҳои молиявии дохилӣ ба сармоя нақши ҳалкунанда дошта бошад, бар ин асос дар рафти таҳқиқот мубрамият, муаммоҳои ҷойдошта ва роҳҳои беҳдошти бозори коғазҳои қиматнок пешниҳод карда шудаанд. Муайян гардидааст, ки яке аз роҳҳои густаришу равнақи ин бозор махсусан дар ҷалби сармоя, ҷараёни ҳамгироии он бо биржаҳои рушднамудаи минтақавӣ ба ҳисоб меравад.Иловатан, ҷиҳати рушду равнақи ин қисмати бозори молиявӣ механизмҳои дар амал таъсиррасон пешниҳод гардидаанд.

Дар таҳқиқот мушаххас гардидааст, ки танҳо дар натиҷаи ҳамгироии қисматҳои асосии бозори молиявии кишвар, метавон маблағгузории бахши воқеии кишварро таъмин намуд. Зимни амалисозии таҳқиқот муайян гардид, ки сабаби аслии нокифоягии маблағгузориҳо дар кишвар, ба таври қобили таваҷҷӯҳ ва қаноаткунанда ҷалбу тақсим накардани захираҳои пулии қишрҳои мухталифи ҷомеа аз ҷониби муассисаҳои молиявӣ-қарзӣ, равобити заиф байни қисматҳои асосии бозори молиявии миллӣ ва муҳимтар аз ҳама сатҳи пасти боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар донista мешавад. Бар ин асно, роҳҳо ва усулҳои бартарафсозии муаммоҳои зикршуда пешниҳод карда шудаанд.

4. Асоснок гардидааст, ки рақамикунонии бозори молиявии кишвар имкон дорад дар таъмини шароит ва фазои мусоид, тақвияту густариши бозори молиявӣ ва равнақи механизмҳои сармоягузорӣ ба иқтисоди миллӣ, созгорӣ намояд. Ҳамзамон мушаххас гардидааст, ки дар мавриди истифодаи платформаи рақамӣ, васеъшавии амалиётҳои нави молиявӣ баамал омада, интихоб ва сафарбар намудани имкониятҳои сармоявӣ ва қарзӣ меафзояд. Бо дарназардошти дигаргуниҳои амиқ дар бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ ва гузариш ба модели нави рушди иқтисодӣ, ки бар пояи технологияҳои муосир бунёдёфта, дар таҳқиқот механизм ва абзорҳои навин мавриди баррасӣ қарор гирифта, нақши калидии онҳо, ки асосан ба технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ такя мекунад, дар рушди бозори молиявӣ арзёбӣ гардидаанд.

**Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда**

- назари муаллиф оид ба мазмун ва моҳияти бозори молиявӣ баён гардида, инчунин заминаҳои ташаккули он, таҳлили фарогири бозор ва марҳилаҳои рушди қисматҳои алоҳидаи он дар кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд;

- қисматҳои асосии бозори молиявии кишвар бо дарназардошти мавқеъ ва нуфузи онҳо таҳлилу баррасӣ гардида, мушкилоти ба худ хоси ҳар як бахши ин бозор мушаххас ва андешаҳо барои тақвияти қисмҳои калидии бозори молиявӣ ва роҳҳои густариши ҳамгироии он бо соҳаҳои дигари иқтисоди миллӣ пешниҳод гардидаанд;

- механизмҳои беҳдошти бозори сармоя дар шароити рақамикунонӣ ва коркарду истифодаи абзорҳои муосири ҷалбкунандаи сармоя, бахусус роҳҳо ва усулҳои ҷамъоварӣ ва ба сармоя табдил додани захираҳои молиявии аҳолӣ бо дарназардошти истифодаи технологияҳои рақамӣ ба таври мушаххас таҳия ва пешниҳод шудаанд;

- технология ва фановариҳои муосири рақамӣ ва зеҳни сунъӣ, инчунин механизмҳо ва абзорҳое, ки ба рушд ва таҳкими бозори молиявӣ мусоидат мекунанд, бо назардошти таҳаввулот ва дигаргуниҳои куллӣ дар иқтисоди ҷаҳони имрӯза пешкаш шуда, тавсияҳо ҷиҳати гузоштани поя ва заминаи устувор баҳри беҳдошти бозори молиявӣ дар кишвар пешниҳод гардидаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Муқаррароти назариявӣ ва амалии диссертатсия метавонанд дар раванди омӯзиши фанҳои бозори молиявӣ, молия, рушди институтсионалии бозори молиявӣ истифода бурда шаванд. Натиҷаи таҳқиқотро метавон зимни омӯзишу таҳқиқи бозори молиявии миллӣ ва қисматҳои ҷудогонаи он истифода намуд, нуқтаҳои муҳимми таҳқиқотро барои таҷдиди қисматҳои алоҳидаи бозори молиявӣ, аз ҷумла бозори коғазҳои қиматнок истифода бурдан мувофиқи мақсад мебошад.

Бо дарназардошти он ки масъалаҳои таҳкими бозори молиявӣ дар натиҷаи дигаргуншавӣ ва воридшавии таҳаввулоти ҷиддӣ дар ҷаҳони муосир дар ояндаи наздик зери таваҷҷӯҳи хоси ҳукумати кишвар қарор хоҳанд гирифт, натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар гузариш ба иқтисоди рақамӣ, таҳрик ва ҷалби захираҳои молиявии дохилӣ ва табдили он ба сарчашмаи асосии сармояи дохилӣ истифода намуд. Муқаррароти асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявӣ, семинарҳои илмии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва конференсияҳои байналмилалӣ солҳои 2018-2025 маъруза шудаанд. Инчунин, маводи таҳқиқотро ҳангоми хондани лексияҳо аз фанҳои “Молия”, “Молия, муомилоти пулӣ ва қарз”, “Бозори коғазҳои қиматнок”, “Фаъолияти биржавӣ” ва “Назорати молиявӣ дар бозори фондӣ” дар ихтисосҳои самти иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Бояд қайд намуд, ки натиҷаҳои таҳқиқот, пешниҳодҳои методию назариявии дар диссертатсия овардашуда дар оянда ҳамчун пояи

маълумот барои ҳалли муаммоҳои рушди бозори молиявии кишвар кӯмак мекунанд.

### Нашри натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда

Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот 9 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

### Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия

Диссертатсия аз муқаддима, тавсияи умумии таҳқиқот, қисмати асосӣ аз 3 боб, 8 зербоб, хулоса, 19 расм, 12 ҷадвал, 13 диаграмма ва рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 127 номгӯй иборат буда, дар ҳаҷми 194 саҳифаи матни компютерӣ, пешниҳод шудааст.

### Қисми асосии таҳқиқот

Дар муқаддима мубрамӣ, мақсад ва вазифаҳо, дараҷаи коркарди илмии масъала, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ва дигар масъалаҳои умумӣ асоснок гардидаанд.

Дар боби якум, "Заминаҳои иқтисодӣ-институтсионалии ташкили бозори молиявӣ", асосҳои назариявии ташаккулёбии бозори молиявӣ ва заминаҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи ташаккул ва рушди бозори молиявӣ дар мамлакатҳои пешрафта ва имкониятҳои истифодаи он дар шароити Тоҷикистон таҳқиқ шудаанд.

Аз нуқтаи назари илмӣ, омӯзиши масъалаҳои рушди бозори молиявӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ бо он муҳим мебошад, ки равандҳои рақамикунонӣ хусусиятҳои анъанавии фаъолияти бозорҳои молиявиро тағйир дода, муносибатҳои нави иқтисодӣ ва механизмҳои нави ҳаракати сармояро ташаккул медиҳанд.

Агар дар шароити иқтисоди анъанавӣ нақши асосиро институтҳои молиявии классикӣ иҷро мекарданд, дар муҳити рақамӣ субъектҳои нави бозор, аз ҷумла ширкатҳои финтех, платформаҳои рақамии пардохтӣ, экосистемаҳои молиявӣ ва дигар шаклҳои нави хизматрасониҳои молиявӣ ба вуҷуд меоянд, ки фаъолияти онҳо ба рушди муносибатҳои молиявӣ таъсири назаррас мерасонад.

Пайдоиши чунин субъектҳо сохтори рақобатиро дар бозори молиявӣ тағйир дода, талаботи навро нисбат ба низоми танзим ва назорати давлатӣ ба миён меорад.

Дар чунин шароит на танҳо масъалаи баланд бардоштани самаранокии фаъолияти институтҳои анъанавии молиявӣ, балки масъалаи ташаккули муҳити мусоид барои фаъолияти субъектҳои нави бозор низ аҳамияти калон пайдо мекунад.

Дар зербанди якуми боби якум унвонҷӯй ақидаи олимони хориҷӣ ва ватаниро оид ба масъалаҳои рушди бозори молия ва нақши субъектҳо ва институтҳои бозори молия дар ҳалли мушкилотҳои ин бозор хело хуб таҳлил ва таҳқиқ кардааст (саҳ. 16-36).

Унвонҷӯй дуруст қайд кардааст, ки тавсеа ва густариши бозори молиявӣ нуқтаи калидии рушд маҳсуб меёбад. Дар ин асно, Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз пош хурдани Ҳукумати Шӯравӣ ва гузариш ба иқтисоди бозорӣ, Ҳукумати кишвар талошҳои зиёдеро баҳри густариши бахшҳои мухталифи иқтисоди миллӣ ба сомон расонид ва бояд иброз намуд, ки бозори молиявӣ ҳанӯз аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ мавриди назари ҷиддии сохторҳои давлатӣ қарор дошт.

Чун шаклгирии бозори молиявӣ ба унвони як низоми мукаммали дорои қисматҳои фаъол барои равнақу ривоҷи кишвар, тақвияти равобити иқтисодӣ аҳаммияти басо муҳим дошт.

Аз тарафи дигар, бунёди бозори молиявӣ яке аз ҷузъҳои ҷудоинопазири иқтисоди бозорӣ арзёбӣ мегардид, аз ин хотир талошҳо дар ин самт маҳз баҳри таъмини иқтисоди миллӣ бо захираҳои молиявӣ равона гардида буданд (саҳ. 40).

Бояд гуфт, ки татбиқи технологияҳои рақамӣ дар бозори молиявӣ на танҳо имкониятҳо, балки як қатор хатарҳо ва мушкилотро низ ба миён меорад.

Масъалаҳои амнияти кибернетикӣ, ҳифзи маълумоти шахсӣ, танзими фаъолияти платформаҳои рақамӣ, таъмини рақобати солим байни иштирокчиёни бозор ва мутобиқ намудани заминаи ҳуқуқӣ ба талаботи нави иқтисоди рақамӣ аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки диққати махсусро талаб мекунанд.

Аз ин рӯ, омӯзиши амиқи таъсири иқтисоди рақамӣ ба фаъолияти бозори молиявӣ барои муайян намудани самтҳои асосии рушди минбаъдаи он аҳамияти калидӣ дорад.

Дар боби дуюм “Арзёбии равобити бозори молиявӣ дар бахшҳои воқеии иқтисоди миллӣ” қисматҳои асосии бозори молиявии миллӣ ва ҳолати онҳо таҳлил ва арзёбӣ шудаанд.

Алалхусус ҳолати воқеии бозори қоғазҳои қиматноки кишвар ва механизми таъмини бахши воқеии ҷумҳурӣ бо сармоя ва истифодабарии он дар шароити имрӯза таҳлилу таҳқиқ шудаанд.

Арзёбии муаммоҳои рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ, дар солҳои охир аҳамияти махсуси илмӣ ва амалӣ касб намудааст, зеро тағйироти босуръати технологӣ ва густариши равандҳои рақамикунонӣ ба тамоми низоми иқтисодии мамлакат, хусусан бахши воқеии он, таъсири амиқ расонида, шаклҳои нави ташкили муносибатҳои молиявӣ, механизмҳои гардиши сармоя ва усулҳои пешниҳоди хизматрасониҳои молиявиро ба вуҷуд оварда истодаанд.

Дар шароите, ки иқтисоди ҷаҳонӣ тадриҷан аз модели анъанавии рушди иқтисодӣ ба модели рақамӣ мегузарад, таҳлили ҳамаҷонибаи ҳолати бозори молиявии кишвар, муайян намудани механизми таъмини бахши воқеии иқтисоди ҷумҳурӣ бо сармоя зарур мебошад.

Дар кори диссертатсионӣ дуруст қайд шудааст, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ, тавсеа ва равнақи иқтисодии ҳеҷ як давлати ҷаҳонро бе бозори молиявии густаришёфта, тасаввур намудан имконнопазир мебошад.

Бинобар ин, дар чунин шароит доштани як бозори пешрафтаи молиявӣ, ки тавонад бахшҳои мухталифи иқтисоди кишварро бо доираи васеи хизматрасониҳо таъмин намояд, зарур мебошад.

Бояд қайд намуд, ки бозори молиявӣ ҷузъи калидӣ ва ҷудонопазири низоми иқтисодии дилхоҳ кишвар ба ҳисоб меравад, зеро аз сатҳи равнақу тавсеаи ин бозор, пешсафии дигар бахшҳои иқтисодӣ вобастагии зич дорад (саҳ. 78).

Тибқи маълумотҳои дар диссертатсия овардашуда дар давоми солҳои 2017-2023 рушди миёнасолонаи иқтисодиёт дар сатҳи 7,5 фоиз таъмин карда шуда, маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат бошад, аз 1,8 миллиард сомонии соли 2000-ум то 130 миллиард сомонӣ дар соли 2023 расонида шуд, даромади буҷети давлатӣ бошад, дар давоми марҳилаи таҳқиқотӣ 1,6 маротиба афзоиш ёфт. Дар ин давра ба кишвар дар ҳаҷми беш аз 95 миллиард сомонӣ, аз ҷумла, зиёда аз 30 миллиард сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ворид гардидааст (саҳ. 79).

Унвоҷӯй дар зербанди якуми боби дуюм бештар ба таҳлили ҳолат ва рушди низоми бонкии ҷумҳурӣ, ки яке аз инфрасохтори муҳими бозори молиявӣ мебошад, таваҷҷуҳ зоҳир кардааст.

Дар кишвар ба санаи 31 декабри соли 2023, 15 бонки тиҷоратӣ фаъолият менамоянд, аз ин шумора 14 адад бонки анъанавӣ ва 1 адад бонки исломӣ мебошад. Ҳар як бонки тиҷоратии дар қаламрави кишвар фаъолияткунанда доираи муштариёни худро доро мебошад ва ба онҳо шаклҳои муносиби хизматрасониҳоро пешниҳод менамояд.

Мувофиқ ба натиҷаҳои таҳлил, дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ ба таври мунтазам дар ҳоли зиёдшавӣ қарор доранд.

Яке аз хизматрасонии асосие, ки дар сиёсати бонкҳои тиҷоратӣ мавқеи калидӣ дорад, ин хизматарсонии қарзӣ мебошад, чунин тамоюл дар сурати пешниҳоди қарзҳо барои рушди бахшҳои воқеии иқтисоди миллӣ ниҳоят мусбӣ арзёбӣ шудааст (саҳ. 92).

Боби сеюми Диссертатсия “Роҳҳои такмили рушди бозори молиявии кишвар дар шароити иқтисоди рақамӣ”, ки аз 2 зербанд иборат мебошад, бахшида шудааст, ба муайян намудани роҳҳои тақвиятбахшии бозори молиявӣ, таъсиси шароити мусоид барои маблағгузории иқтисоди миллӣ бо назардошти таҳаввулоти рақамӣ ва таъмини рушди иқтисоди миллӣ дар заминаи рақамикунонии бозори молиявии миллӣ.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар иқтисоди муосир, суботи низоми молиявӣ ҳамчун яке аз шартҳои асосии рушди устувори иқтисодӣ мебошад.

Ҳар гуна ноустуворӣ дар фаъолияти муассисаҳои молиявӣ метавонад ба тамоми бахшҳои иқтисод таъсири манфӣ расонад.

Дар айни замон, рақамикунонӣ метавонад ҳам имкониятҳои нав барои таҳкими суботи молиявӣ фароҳам оварад ва ҳам сарчашмаи пайдоиши хавфҳои нав гардад.

Масалан, истифодаи технологияҳои таҳлили маълумоти бузург ва системаҳои автоматиконидашуда метавонад сифати идоракунии хавфҳоро беҳтар намояд, аммо вобастагии зиёд аз инфрасохтори рақамӣ метавонад осебпазирии низоми молиявиро нисбат ба таҳдидҳои техникӣ ва кибернетикӣ зиёд созад.

Аз ин рӯ, таҳқиқи робитаи байни рақамикунонӣ ва суботи молиявӣ барои муайян намудани роҳҳои самараноки рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти махсус дорад.

Тавре, ки дар диссертатсия дуруст қайд шудааст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон механизмҳои бозорӣ наметавонанд ба таври қаноаткунанда имконоти худро татбиқ намоянд, зеро қисмҳои таркибии ҷудогонаи онҳо ба таври шоиста босамар фаъолият намекунанд.

Бинобар ин, барои мо зарур аст, ки дар муҳлати кӯтоҳ татбиқи раванди рушди қисматҳои камфаъол ва ё вуҷуднадоштаро бунёд ва бар асоси талаботи иқтисоди бозорӣ ба кор андозем.

Махсусан дар кишвар бунёди фондҳои нафақавӣ дар шакли омехта ва ё хусусӣ, коркарди пойгоҳи қонунгузорӣ ва механизмҳои фаъолияти амалии онҳо зарур аст.

Иловатан, бояд ба таври ҳатмӣ инфрасохтори бозории хизматрасониҳои нафақавӣ коркард карда шаванд, чунин иқдом на танҳо барои бунёди ниҳодҳои мухталифи хизматрасон, балки татбиқи назорат ва рушди бозори маблағгузориро ба унвони объекти маблағгузории захираҳои фондҳои нафақавӣ мегардонад.

Чунин воқеият афзоиши ҳаҷми амалиётҳоро дар бозори коғазҳои қиматнок на танҳо вобаста ба абзорҳои фондии мавҷуда, балки таъсиси абзорҳои навро низ тақозо менамояд. Ҳамзамон, дар заминаи бунёди фондҳои нафақавӣ метавон муҳоҷирони меҳнатиро низ ҳавасманд намуд.

Ба андешаи муаллиф, барои маблағгузории ислоҳоти иқтисоди миллӣ ва рушди он тақвияти нақши ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ, миёнаравони молиявӣ барои густариши навъҳои муосири абзорҳои молиявии дастгирикунандаи маблағгузориҳои дарозмуддат, аз ҳисоби сармоягузорони хусусию ниҳодӣ, хусусигардонӣ даромади муайянро таъмин менамояд. Иловатан, дар натиҷаи хусусигардонӣ фасод ва тасарруфи маблағҳои буҷетӣ низ коҳиш хоҳанд ёфт.

Барои тавсеаи ин раванд, бояд ҳамаи он корхонаҳое, ки хусусияти стратегӣ надоранд, бояд аз доираи мансубияти давлатӣ бароварда шаванд.

Дар ҳоли ҳозир, бинобар сабаби вуҷуд надоштани рӯйхат ва таъйиноти мушаххас дар мавриди корхонаҳои хусусияти стратегидошта, дилхоҳ корхонаро метавон ба ин рӯйхат ворид кард (саҳ. 130-131).

Дар фароварди тақриз хулосаи зерини унвонҷӯйро меорем, ки қобили қайд мебошад.

“Рақамикунонии қисматҳои таркибии бозори молиявии ватанӣ, дар воқеъ метавонад дар роҳи расидан ба манфиатҳои амалии қобили таваҷҷӯҳ боис гардад, махсусан дар самти баландбардории самаранокӣ, коҳиши хароҷотҳо ва васеъшаваии дастрасӣ ба хизматрасониҳои инноватсионӣ. Ин тағйирот бар асоси вориднамоии технологияҳои нав ба монанди зеҳни сунъӣ, блокчейн, технологияҳо ва сервисҳои абрӣ, маълумотҳои бузург таъмин карда мешавад.

Иловатан, рақамикунонии қисматҳои асосии бозори молиявӣ, метавонад дар тавсеаи қарздиҳӣ ба бахши воқеӣ ва кишоварзӣ мусоидат намояд. Ин амал дар афзоиши дастрасӣ ба сармоя коҳиши хароҷотҳо барои ҷалби воситаҳо, суръатёбии равандҳо ва таҳрики навсозиҳо таҷассум меёбад.

Рақамикунонии қисматҳои таркибии бозори молиявии миллӣ, имкон дорад дар рушди маблағгузории бахши воқеӣ такони ҷиддие ба бор оварад” (саҳ. 134).

## Камбуди ва норасогиҳои диссертатсия

Таҳлил нишон дод, ки дар кор якчанд камбудию норасогиҳо ҷой доранд.

1. Дар зербанди якуми боби якум унвонҷӯй асосҳои назариявию ташаккулёбии бозори молиявиро хело хуб таҳқиқ карда, ақидаи олимони ватанӣ, хориҷӣ ва мактабҳои иқтисодиро ҳамаҷониба таҳлил кардааст, аммо мавқеи худро нисбат ба ақидаи мактабҳо ва олимон муайян накардааст.

2. Зербанди дуюми боби дуюм махсусан ба таҳлили ҳолати воқеии бозори коғазҳои қиматнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар он вазъи кунунии ин бозор, шумораи ҷамъиятҳои саҳомӣ ва фаъолияти онҳо, шумораи иштирокчиёни касбӣ ва ғайра таҳлил шудааст. Иштирокчиёни бозори коғазҳои қиматнок фақат шахсони ҳуқуқӣ мебошанд, барои чӣ шахсони воқеӣ нестанд, сабаб дар чист? Бояд унвонҷӯй ба ин масъала таваҷҷуҳ мекард.

3. Хуб мешуд, агар унвонҷӯй барои қиёс ҳиссаи қисмҳои бозори молия, яъне ҳиссаи бозори коғазҳои қиматнок, бозори қарз, бозори суғуртаро дар маблағгузории иқтисодиёти кишвар муайян мекард.

4. Сабаби ночиз будани бозори дуюмдараҷаи бозори коғазҳои қиматнок дар гардиши (хариду фурӯши) коғазҳо таҳлил нашудаанд. Савол: чаро шахсони воқеӣ коғазҳои қиматнокро харидорӣ намекунанд? Шояд ин масъала дар оянда аз ҷониби унвонҷӯй таҳқиқ шавад.

5. Дар саҳифаи 78 бонкҳо ҳамчун қисмати бозори молия арзёбӣ шудааст. Бонкҳо ва сохтори бонкӣ ин инфрасохтори бозори молия аз ҷумла (бозори қарз) мебошанд.

6. Маълум аст, ки ҳар навгонии техникию технологӣ паҳлӯҳои манфӣ ҳам дорад. Иқтисодиёти рақамӣ ҳам дар баробари имкониятҳои васеъ як қатор мушкилот, аз ҷумла афзоиши хатари ҳамлаҳои кибернетикӣ, таҳдидҳо ба амнияти иттилоотӣ, ҳифзи маълумот, амнияти амалиётҳои молиявӣ ва ғайра меорад. Ин масъала бояд васеътар таҳқиқ мешуд.

Дархостҳо ва эродҳои зикршуда сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Чиллаев Сулаймон Нажмудиновичро коҳиш намедиҳанд, чунки баъзе аз онҳо тавсиявӣ, дигараш баҳсталаб мебошанд.

Дар умум, диссертатсия дар мавзӯи "Муаммоҳои рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ", ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботҳои Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Хулоса**

Диссертатсия таҳқиқоти ҷиддии илмӣ буда, дорои навгониҳои илмӣ, тавсияҳои методию амалӣ, пешниҳодҳои асоснок дошта, мустақилияти муаллифро дар ҳалли муаммоҳои рушди бозори молиявӣ ва роҳҳои бартараф намудани мушкилотҳои дар ин бахш ҷойдоштаро нишон медиҳад.

Автореферат ва мақолаҳои илмии нашршуда мазмуни асосии таҳқиқотро дар худ инъикос намудаанд.

Аз нигоҳи мазмун, мундариҷа ва баён диссертатсияи Чиллаев Сулаймон Нажмудинович дар мавзӯи "Муаммоҳои рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ", кори тахассусӣ ва илмӣ буда, дар он ҳалли масъалаҳои илмӣ-амалӣ, ки аҳамияти муҳиму афзалиятнокро дар рушди бозори молия доранд, ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Чиллаев Сулаймон Нажмудинович сазовори гирифтани дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
профессори кафедраи молия ва қарзи
Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон Султонов З.С.

Суроға: ш.Душанбе, к.М.Турсунзода 30.
Почтаи электронӣ: sulton@mail.ru
Тел: (992) 37221-35-50

Имзои профессор З.Султоновро
Тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо Исмоилова М.Н.

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ